Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062
назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва
Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30;
e-mail: p.rektora@mail.ru)

# ТАҚРИЗ

**ба афтореферати диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзуи “Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод карда шудааст.**

Дар шароити кунунӣ, ки ҷаҳон бо тағйироти зуд ва рақобати шадиди иқтисодӣ рӯ ба рӯ гардидааст, барои ҳар кишвар таъмини рушди инноватсионии соҳаи саноат бо роҳи такмил додани системаи идоракунии он мувофиқ бо талаботи иқтисодиёти ба доништакякунанда аҳамияти стратегӣ дорад. Барои Тоҷикистон, ки роҳи саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегӣ интихоб намудааст, рушди инноватсионии соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ аз қабили саноат масъалаи муҳим ва калидӣ боқӣ монда, фароҳам овардани шароити мусоидро ҷиҳати ҷалби бештари сармоягузории мустақимро ба соҳаи илм ва корҳои илмию таҳқиқотӣ тақозо менамояд.

Бо гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва таъсири омилҳои нави рақобат аз қабили рушди илм, технологияи рақамӣ ва захираҳои инсонӣ, зарурати такмили механизмҳои идоракунии равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи саноат афзудааст. Бинобар ин, дар шароити Индустрияи 4.0, баланд бардоштани рақобатпазирии саноат танҳо тавассути истифодаи дониш, ҳамгироии шабакавӣ, зеҳни сунъӣ ва технологияи муосир имконпазир мебошад. Маҳз дар ҳамин замина, омӯзиши амиқи масъалаҳои идоракунии рушди инноватсионии саноати миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ ба яке аз самтҳои мубрами тадқиқоти иқтисодӣ табдил ёфтааст. Мавзуи мазкур дорои аҳаммияти назариявӣ, методологӣ ва амалӣ буда, ба таҳкими иқтидори инноватсионии саноати кишвар ва татбиқи самараноки сиёсати давлатии инноватсионӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, ҳалли масъалаҳои марбут ба таҳияи моделҳо ва механизмҳои муассири идоракунии рушди инноватсионӣ дар соҳаи саноат барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти калидӣ пайдо мекунад.

Муаллиф дар раванди таҳқиқи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ нишон додааст, ки ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти инноватсионӣ ва сиёсати саноатӣ аз

ҷониби як қатор олимон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, аммо масъалаи такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати миллӣ дар шароити Тоҷикистон то ҳол дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нашудааст. Яъне бисёр пажӯҳишҳо хусусияти ҷузъӣ ё умумӣ дошта, самтҳои ҳамгироии сиёсати саноатӣ ва инноватсиониро пурра инъикос намекунанд. Ҳанӯз ҳам як қатор масъалаҳои ҳалталаб, аз ҷумла муайян намудани модели миллии идоракунии инноватсионӣ, механизмҳои ҳамоҳангсозии байни сохторҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ, рушди захираҳои илмӣ-технологӣ ва таъсиси низоми муассири амалӣ намудани сиёсати инноватсионӣ дар соҳаи саноат, боқӣ мондаанд.

Зимни таҳлилҳо муаллиф қайд менамояд, ки дар марҳалаи муосир зарурати тақвияти фаъолияти инноватсионӣ ва бунёди инфрасохтори инноватсионии соҳа аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Дар ин замина, барои кишварҳо ва корхонаҳо муҳим аст, ки иқтидорҳои илмиву техникии худро тақвият дода, низоми самараноки идоракунии инноватсионӣ ва инфрасохтори зарурӣро ташкил намоянд.

Дар автореферат муаллиф қайд менамояд, ки айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи нахустини гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ қарор дорад, бояд ба таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи саноатӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда, барои ташаккули инфрасохтори рушди инноватсионии саноати миллӣ аз таҷрибаи пешқадами онҳо истифода намояд. Аз баррасии автореферат бармеояд, ки муаллиф тавассути таҳлил ва арзёбии вазъи ҷорӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии такмили низоми идоракунии рушди инноватсионии саноати миллиро нишон дода, дар ин самт ба зарурати ҳамгироӣ таъкид менамояд.

Дар баробари паҳлуҳои мусбии автореферат дар матни асосии он баъзе камбудӣ ва нуқсонҳо низ ба назар мерасад:

1. Дар ҷадвали 2 муаллиф моделҳои асосии рушди инноватсионии кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаро мавриди таҳиқ қарор додааст. Аммо, дар доираи кори мазкур оид ба мувофиқатии моделҳои мазкур ба шароити Тоҷикистон пешниҳодҳои мушаххас дида намешавад.

2. Аз нигоҳи муаллиф равиши кластерӣ муҳимтарин воситаи ҳамгироии инноватсионӣ ба ҳисоб рафта, ақидаи мазкур қобили дастгирӣ мебошад. Аммо, аз ҷониби муаллиф дар хусуси механизми ташкилию иқтисодии он бо дарназардошти хусусиятҳои рушди саноати Тоҷикистон чизе оварда нашудааст. Аммо ин эродҳо сифати илмии диссертатсияро паст намекунад.

Мазмуну мундариҷаи атореферат аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки натиҷаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда шарҳи пурраи худро ёфта, асоснок карда шудаанд.

Ҳамин тавр, сохтори автореферати диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи “Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати

Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Ректори Донишгоҳи**
**байналмилалии сайёҳӣ ва**
**соҳибкории Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Асрорзода У.С.**

*Имзои д.и.и., профессор Асрорзода У.С. - ро тасдиқ менамоям.*

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва**
**соҳибкории Тоҷикистон** **Ҷураев Ш.Н.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5
+992(37) 234-88-02; +992(37) 234-88-24
info@iutet.tj
www.iutet.tj